*«Коммунизм учун»,*
*No 55 (1454), 1 майи 1956*

**Барои муваффақияти шоёни соли хониш**

Дар мактаби даҳсолаи ба номи Молотов (директораш рафиқ Умарқулов) муаллимону хонандаҳо дар бораи намунавор давом додани чоряки чоруми соли хониш низ ба имтиҳони солона муташаккилона тайёрӣ дида истодаанд. Дар инҷо аз рӯи тайёрӣ ба имтиҳон совети педагогии мактаб гузаронида шуд.

Директор рафиқ Умарқулов барои намунавор пешвоз гирифтани имтиҳонҳо бо муаллимон сӯҳбат гузаронида, роҳҳои такрор кардани дарсҳоро нишон медиҳад.

Ҳозир дар мактаб дарсҳои такрорӣ, консултатсияҳо, машғулиятҳои иловагӣ гузаронда мешавад.

**Раҳим Мусулмонқулов**